«ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ»
**Сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.х., дотсент, генерал-майори милитсия**

**_______________ П.А. Насуриён**
**«22» ____11_______ соли 2025**

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Саиданварзода Қурбоналӣ Ҷонибек дар мавзуи «Вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Саиданварзода Қурбоналӣ Ҷонибек дар мавзуи «Вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 15 январи соли 2022, №15/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти мақоми ҳуқуқӣ ва конститутсионии гурезаҳо дар он ифода меёбад, ки бо вуҷуди таҳия ва қабули як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти ҳимоя ва танзими вазъи гурезаҳо, ҳанӯз ҳам мушкилоти ҷиддии ҳуқуқӣ, амалӣ ва созмонӣ дар ин росто боқӣ мондаанд. Номукаммалии қонунгузорӣ, набудани ҳамоҳангсозии муассир байни ниҳодҳои давлатӣ, ихтилофоти ҳуқуқӣ байни санадҳои соҳавӣ ва маҳдуд будани механизмҳои татбиқи амалии ҳуқуқу озодиҳои гурезаҳо, зарурати баррасии амиқ ва таҳлили илман асосноки ин масъалаҳоро ба миён мегузоранд. Илова бар ин, вазъи ноустувори сиёсӣ дар минтақа, бахусус дар Афғонистон, ва пайомадҳои он ба амният ва суботи Тоҷикистон, аҳаммияти ин мавзӯъро боз ҳам зиёдтар намудаанд. Аз ин рӯ, масъалаи таҳқиқи мақоми ҳуқуқии гурезаҳо на танҳо ҷавобгуи талаботи илмии муосир, балки як зарурати амалӣ ва давлатӣ низ маҳсуб ёфта, ҳалли он метавонад ба такмили сиёсати миллӣ ва байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муҳоҷират ва ҳимояи ҳуқуқи инсон мусоидат намояд.

Воқеан, мақоми ҳуқуқӣ, ки мавқеи таърихан муайяншудаи вазъи ҳуқуқу озодиҳои шахсро муайян мекунад ва муҳимтарин роҳи самараноки қонеъ гардонидани манфиатҳои шахс, рушди ҳамаҷониба ва озодонаи ӯ мебошад. Вазъи ҳуқуқии шахс дар ҷомеа ва давлат хусусияти иҷтимоии онро муайян мекунад, ки ба дастрасӣ ва истифода бурдани арзишҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоии он мусоидат намуда, муносибатҳои навро дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа фароҳам меорад.

Аҳаммияти мубрамии мавзуъ аз он иборат аст, ки бо вуҷуди мавҷуд будани қонунгузории соҳавӣ, норасоиҳои ҷиддӣ дар татбиқи ҳуқуқи гурезаҳо ба мушоҳида мерасад. Номукаммалии механизмҳои ҳуқуқтатбиқнамоӣ, ихтилофоти байнисанадӣ ва набудани ҳамоҳангсозии муассир миёни ниҳодҳои дахлдор, танзими самараноки мақоми гурезаро душвор мегардонад. Дар баробари ин, таҳдидҳои амниятӣ ва ҷараёнҳои муҳоҷиратии минтақавӣ, ки метавонанд ба Тоҷикистон таъсири мустақим расонанд, масъаларо боз ҳам шадидтар менамоянд. Аз ин рӯ, мавзӯи мазкур ҳамчун як масъалаи мубрами илмӣ ва амалӣ, таҳқиқи ҷиддӣ ва таҳлили илмии фарогирро тақозо менамояд.

Аз ин рӯ, баррасии илмии мавзуи мазкур бо назардошти паҳлӯҳои таърихӣ, ҳуқуқӣ ва амалии он, барои таҳкими низоми қонунгузории соҳа ва баланд бардоштани самаранокии таъмини ҳуқуқи гурезаҳо заминаи устувор фароҳам меорад.

**Дараҷаи асоснокии гузориши илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудааст.** Гузориши илмии мавриди баррасӣ дар асоси таҳлили амиқи назариявӣ ва меъёрии ҳуқуқи миллӣ ва байналмилалӣ таҳия гардида, дорои дараҷаи баланди асоснокии илмӣ ва методологӣ мебошад. Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқот аз маҷмӯи васеи манбаъҳои ҳуқуқӣ, таҳқиқоти илмӣ, таҷрибаи ҳуқуқии давлатҳои хориҷӣ ва санадҳои байналмилалӣ истифода бурдааст, ки ба таҳкими эътимоднокии хулосаҳо ва пешниҳодҳо мусоидат намудааст.

Аз лиҳози асоснокӣ, хулосаҳои бадастомада ба таври илмӣ ва амалӣ таҳлил гардида, тавассути таҳқиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (аз ҷумла Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқи гурезаҳо), таҷрибаи татбиқи санадҳои дахлдор дар ин самт тасдиқ ёфтаанд. Ҳар як хулоса бо истинод ба воқеиятҳои ҳуқуқӣ, таҷрибаи амалии ниҳодҳои дахлдор ва хусусиятҳои марҳилаҳои гуногун тавзеҳ дода шудааст.

Аз лиҳози эътимоднокӣ, таҳқиқот ба манбаъҳои муътамад ва воқеиятҳои амалӣ такя намуда, хусусиятҳои ҳуқуқии истифодабарии санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдорро бо далелҳои мустаҳкам ва таҳлили мантиқии сохторҳои идорӣ таҳлил намудааст. Мушкилоти муайяншуда бо таҳлилҳои ҳуқуқӣ ва пешниҳоди роҳҳои ҳал асоснок гардидаанд.

Хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда:

– бо истифодаи усулҳои таҳлили ҳуқуқӣ, муқоисавӣ ва низомнок ба таври возеҳ асоснок шудаанд;

– ҳар як пешниҳод бо далелҳои ҳуқуқӣ ва таҳлили муфассали мушкилоти амалии мавҷуда тақвият ёфтааст;

– мавқеи илмии муаллиф дар баррасии мафҳумҳои асосӣ (гуреза, вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионӣ, ҳимояи ҳуқуқӣ) бо истинод ба мавқеъҳои илмии муосир ва санадҳои меъёрии байналмилалӣ асоснок гардидааст;

– дар пешниҳоди ислоҳоти қонунгузорӣ (масалан, такмил додани моддаҳои 14 ва 16 Конститутсия ва Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо») зарурати воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо далелҳои мушаххас собит шудааст.

Дар маҷмӯъ, диссертатсия бо риояи талаботи илмӣ таҳия гардида, хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар он овардашуда асоснок, мантиқӣ, далелнок ва қобили татбиқ дар амалияи ҳуқуқӣ ва қонунэҷодкунӣ мебошанд. Онҳо метавонанд ҳамчун замина барои такмили минбаъдаи қонунгузории миллӣ дар соҳаи муҳоҷират ва ҳимояи ҳуқуқи гурезаҳо истифода шаванд.

Бо дарназардошти мушаххасгардии масъалаҳои муҳими назариявӣ ва амалӣ, такя ба қонунгузории амалкунанда, истифодаи васеи манбаъҳои илмӣ-ҳуқуқӣ ва таҳлили таҷрибаи марбута, метавон гуфт, ки хулоса ва тавсияҳои таҳқиқоти мазкур асоснок ва эътимоднок мебошанд ва барои илм, қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқӣ арзиши баланди назариявию амалӣ доранд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳияти натиҷаҳои гирифташуда.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дорои навгонии илмии назаррас мебошад ва яке аз аввалин корҳои илмии системавӣ дар соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ доир ба масъалаи вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Муаллиф бо такя ба усулҳои таҳлили ҳуқуқшиносӣ, муқоисаи меъёрӣ ва таҳлили низомӣ тавонистааст мафҳум, принсипҳо ва унсурҳои асосии мақоми ҳуқуқии гурезаҳоро дар заминаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон амиқан таҳлил ва асоснок намояд.

Навгонии илмӣ дар он ифода меёбад, ки:

– мафҳуми «гуреза» ҳамчун категорияи мустақили ҳуқуқи конститутсионӣ бори аввал таҳлили илмӣ гирифтааст;

– принсипҳои махсуси конститутсионӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ, ки ба гурезаҳо татбиқ мешаванд, муайян ва гурӯҳбандӣ шудаанд;

– пешниҳодҳои мушаххас ва амалишаванда барои ислоҳи қонунгузории миллӣ ва беҳсозии механизмҳои ҳимояи ҳуқуқии гурезаҳо таҳия гардидаанд;

– идеяи таъсиси Шӯрои Осиёи Марказӣ оид ба ҳамоҳангсозии сиёсати гурезагон ҳамчун як навоварии назарраси илмӣ ва амалӣ баён ёфтааст.

Саҳеҳияти натиҷаҳои бадастомада тавассути таҳлили муфассали заминаи меъёрии ҳуқуқи миллӣ, қонунҳои амалкунанда, стандартҳои байналмилалӣ ва таҷрибаи давлатҳои дигар таъмин гардидааст. Хулосаҳо ва пешниҳодҳо бо далелҳои ҳуқуқӣ, меъёрҳои мавҷуда, ва масоили воқеии амалии соҳа асоснок шудаанд. Ин натиҷаҳо барои илм, қонунгузорӣ ва амалиёти мақомоти давлатӣ дар самти танзими мақоми гурезаҳо дорои аҳамияти назаррас мебошанд.

Дар маҷмуъ, таҳқиқот бо риояи меъёрҳои методологӣ анҷом ёфта, натиҷаҳои он эътимоднок, асоснок ва аз ҷиҳати назариявӣ ва амалии ҳуқуқшиносӣ арзишманд мебошанд.

Ҳамин тариқ, навгонии илмӣ ва саҳеҳияти натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур заминаи устувори назариявию амалӣ дошта, барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи конститутсионӣ ва такмили қонунгузории миллӣ дар самти таъмини ҳуқуқи гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти назаррас дорад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар мавзуи вазъи ҳуқуқии конститутсионии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои аҳамияти васеи илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад, ки он барои муассисаи пешбар ҳамчун маркази таҳқиқотӣ ва таълимӣ манфиатҳои назаррас дорад.

**Аз ҷиҳати илми** натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур бо таҳлили амиқи назариявӣ ва низомноки мафҳуму категорияҳои марбут ба мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо, бори аввал дар илми ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудаанд. Муаллиф тавонистааст, ки бо такя ба таҳлили ҳуқуқи миллӣ ва байналмилалӣ, фаҳмиш ва тафсири навро нисбат ба мақоми ҳуқуқии гурезаҳо, принсипҳои ҳимояи онҳо ва механизмҳои ҳуқуқӣ дар сатҳи конститутсионӣ таҳия намояд. Ин тадқиқот заминаи илмиро барои рушди минбаъдаи назарияи мақоми ҳуқуқии шахсони хориҷӣ, гурезаҳо ва муҳоҷирон дар системаи ҳуқуқи конститутсионӣ фароҳам меорад.

**Аз ҷиҳати амалӣ.** Пешниҳодҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда қобили татбиқ дар раванди ислоҳи қонунгузорӣ, такмили сиёсати муҳоҷират, ва танзими муносибатҳои давлат бо гурезаҳо ва паноҳҷӯён мебошанд. Аз ҷумла, пешниҳод доир ба қабул ва таҳияи Низомномаи додани паноҳгоҳи сиёсӣ, Низомномаи будубоши гурезаҳо, ва тағйири моддаҳои Конститутсия ва қонунҳои марбут ба беҳсозии низоми ҳуқуқии амалкунанда равона гардидаанд. Натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар фаъолияти мақомот, марказҳои таҳқиқотӣ, ва ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ истифода бурд.

**Аз ҷиҳати иқтисодӣ**, татбиқи пешниҳодҳои илмии диссертатсия метавонад дар коҳиш додани сарбории молиявии давлат вобаста ба танзими бесамари гурезаҳо ва паст кардани хароҷоти изофӣ мусоидат намояд. Пешниҳоди таъсиси Шӯрои Осиёи Марказӣ барои

ҳамоҳангсозии сиёсати гурезагон инчунин метавонад боиси самаранок тақсим кардани сармояи кӯмакрасон, беҳтар гардондани тақсими захираҳо ва дастгирии давлатҳои минтақа гардад.

**Аз ҷиҳати иҷтимоӣ**. Дар заминаи тағйирёбии вазъияти сиёсӣ ва иқтисодии минтақа, муҳоҷирати иҷборӣ ва гурезагӣ як падидаи афзоянда аст. Натиҷаҳои таҳқиқот, аз ҷумла таъмини ҳимояи ҳуқуқҳои гурезаҳо, риояи ҳуқуқҳои инсон ва дастрасии онҳо ба хадамоти иҷтимоӣ, ба таъмини суботи иҷтимоӣ, коҳиши низоъҳо, ва тақвияти адолати иҷтимоӣ равона шудаанд. Илова бар ин, пешниҳоди расмӣ кардани мақоми ҳуқуқии гурезаҳо ва тартиби будубоши онҳо дар қаламрави кишвар барои беҳсозии ҳамзистии осоиштаи онҳо бо аҳолии маҳаллӣ заминаи иҷтимоӣ муҳайё мекунад.

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои диссертатсия барои муассисаи пешбар ҳамчун муассисаи илмӣ ва таълимӣ заминаи устувор ва манбаи арзишманд барои рушди илми ҳуқуқ ва таълими мутахассисон дар соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ ва қонунгузории соҳавии миллӣ мебошанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Натиҷаҳои таҳқиқ дар мавзуи «Вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо истифода аз усулҳои гуногуни илмӣ ва таҳлилии мукаммал ба даст омада, дараҷаи баланди эътимоднокӣ ва дурустӣ доранд.

Асоснокии натиҷаҳо бо истифодаи усулҳои системавӣ, таърихӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва дигар усулҳо таъмин гардида, имконият дод, ки мавзуъ аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ фарогирӣ карда шавад. Ҳамаи хулосаҳо ва тавсияҳо бар пояи таҳлили амиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таҷрибаи амалӣ ва маводи мушаххаси амалӣ, мурофиавии судӣ ва маводи илмию назариявӣ асос ёфтаанд.

Ҳангоми ҷамъоварии маълумот аз манбаъҳои гуногун – аз ҷумла қонунгузорӣ, амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ, таҷрибаи судӣ ва адабиёти илмӣ – санҷиши салоҳият ва эътимоднокии ҳар як манбаъ қатъиян риоя шудааст. Ин равиш натиҷаҳои таҳқиқро аз назари дурустӣ ва объективӣ таъмин менамояд.

Ғайр аз он, натиҷаҳои таҳқиқ бо истифода аз усулҳои санҷиш ва такроршавӣ ба тасдиқ расидаанд, ки ин худ нишонаи баландии эътимоднокӣ ва дақиқии маълумот мебошад. Ҳамчунин, натиҷаҳо бо таҷрибаи амалии мақомоти салоҳиятдор ва судӣ мувофиқат карда, имкон медиҳад, ки хулосаҳо ва тавсияҳо дар амал татбиқ шаванд.

Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки натиҷаҳои таҳқиқ дорои дурустӣ, асоснокӣ ва дараҷаи баландтари эътимоднокӣ мебошанд ва метавонанд ҳамчун пояи илмӣ ва амалӣ барои такмили низоми ҳуқуқии таъмини вазъи ҳуқуқии конститутсионии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ Саиданварзода Қурбоналӣ Ҷонибек

дар таҳқиқоти диссертатсионӣ аз сатҳи баланди навгонии илмии кор, масъалагузории илмӣ ва услуби навишти диссертатсия пурра тасдиқ мегардад. Ҳамаи нуктаҳои асосии илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, аз тарафи худи муаллиф коркард ва асоснок гардидаанд.

Саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқоти мазкур махсусан дар таълифи мафҳумҳои нави ҳуқуқие, ки дар қонунгузории соҳавӣ истифода мешаванд, раванди ташаккулёбӣ ва инкишофи асосҳои ҳуқуқии вазъи ҳуқуқии конститутсионии гурезаҳо, таҳияи пешниҳодҳои мушаххас ҷиҳати такмили институти вазъи ҳуқуқии конститутсионии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили асосҳои ҳуқуқии танзимкунандаи вазъи ҳуқуқии конститутсионии гурезаҳо ва назоратбарӣ ба рафти он ҷиҳати таъмини қонуният, инчунин, таҳияи тавсияҳо оид ба беҳтар намудани қонунгузории соҳавӣ ва фаъолияти мақомоти салоҳиятдори давлатӣ ифода ёфтааст.

Илова бар ин, саҳми шахсии муаллиф дар мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, иштирок дар таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва пешниҳодҳо барои ворид намудани тағйиру иловаҳо ба онҳо зоҳир мегардад, ки бори дигар арзиши амалии натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро нишон медиҳанд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти мазкур дар 29 мақолаҳои илмӣ инъикос гардида, ба баррасии паҳлуҳои гуногуни вазъи ҳуқуқии конститутсионии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудаанд. Аз ҷумла, 15 мақола дар маҷаллаҳои илмие нашр гардидаанд, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои интишор тавсия шудаанд. Дар ин нашрияҳо натиҷаҳои калидӣ, хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои пешниҳодкардаи унвонҷӯ ба таври мушаххас ва возеҳ баён ёфтаанд. Аз ҷумла:

1. Саиданваров, К.Дж. Конституционные гарантии защиты прав и свобод человека и гражданина [Текст] / К.Дж. Саиданваров // Вестник Таджикского национального университета. – 2013. – №3/1 (104). – С. 62-65; ISSN 2413-5151.

2. Саиданваров, К.Дж. Порядок определения гражданства беженцев по законодательству Республике Таджикистан [Текст] / К.Дж. Саиданваров // Вестник Таджикского национального университет. – 2014. – №3/2 (102). – С. 85-88; ISSN 2413-5151.

3. Саиданваров, К.Дж. Понятие конституционно-правового статуса беженца и лиц без гражданства в РТ [Текст] / К.Дж. Саиданваров // Наука и инновация. – 2015. – №2 (6). – С. 116-118; ISSN 2312-3648.

4. Саиданваров, К.Ҷ. Ҳимояи судӣ ва маъмурии ҳуқуқи гурезаҳо [Матн] / Қ.Ҷ Саиданваров // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2018. – №1 (09). – С. 43-50; ISSN 2414 9217.

5. Саиданваров, К.Дж. Формирование органов государственного управления по вопросам беженцев в Республике Таджикистан [Текст] /

К.Дж. Саиданваров // Государствоведение и право человека. – 2019. – №3 (19). – С. 61-68; ISSN 2414 9217.

6. Саиданваров, К.Дж. Механизмы защиты прав беженцев [Текст] / К.Дж. Саиданваров // Государствоведение и право человека. – 2020. – №4 (20). – С. 41-48; ISSN 2414 9217.

7. Саиданваров, К.Дж. Юрисдикционные формы защиты прав беженцев [Текст] / К.Дж. Саиданваров // Государствоведение и право человека. – 2021. – №2 (21). – С. 39- 45; ISSN 2414 9217.

8. Саиданваров, Қ.Ҷ. Мафҳум, аломат ва хусусиятҳои «таҳқибот» [Матн] / Қ.Ҷ Саиданваров // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2020. – №4 (20). – С. 45- 52; ISSN 2414 9217.

9. Саиданваров, Қ.Ҷ. Мақомоти идоракунии давлатӣ дар баррасии масоилҳои гурезагон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Қ.Ҷ Саиданваров // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2021. – №3 (20). – С. 61-68; ISSN 2307-5198.

10. Саиданваров, Қ.Ҷ. Принсипҳои асосии муайянкунии мақоми гуреза тибқи қонунгузории миллӣ [Матн] / Қ.Ҷ. Саиданваров // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – №2 (26). – С. 87-96; ISSN 2414 9217.

11. Диноршоҳ, А.М., Саиданваров, Қ.Ҷ. Кафолатҳои ҳуқуқии гурезаҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.М. Диноршоҳ, Қ.Ҷ. Саиданваров // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. – №1 (28). – С. 87-96; ISSN 2414 9217.

12. Зоир, Ҷ.М., Саиданваров, Қ.Ҷ. Таҳлили илмӣ – мафҳуми вазъи ҳуқуқии гурезаҳо: ташакул ва марҳилаҳои инкишоф [Матн] / Ҷ.М. Зоир, Қ.Ҷ. Саиданваров // Қонунгузорӣ. – 2024. – №4 (56). – С. 105-111; ISSN 2410-2903.

13. Зоир, Ҷ.М., Саиданваров, Қ.Ҷ. Мафҳум ва хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҷ.М. Зоир, Қ.Ҷ Саиданваров // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2024. – №4 (48). – С. 54- 65; ISSN 2307-5198.

14. Саиданварзода, Қ.Ҷ., Зоир, Ҷ.М. Принсипҳои конститутсонӣ – вазъи ҳуқуқии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Қ.Ҷ. Саиданварзода, Ҷ.М. Зоир // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2025. – №4. – С. 255-260; ISSN 2413-5151.

15. Саиданваров, Қ.Ҷ. Мақоми соҳибҳуқуқии гурезаҳо: мафҳум ва таснифот [Матн] / Қ.Ҷ. Саиданваров // Маҷалаи Академии ҳуқуқ. – 2025. – №3 (58). – С. 184-191; ISSN 2305-0535.

Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30- июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсияи пешниҳодгардида ба таҳқиқи масъалаҳои муҳим ва мубрами вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии

гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, аз ҷиҳати мазмунӣ мукаммал, амиқ ва дорои навгониҳои назарраси илмӣ мебошад. Муаллиф бо риояи усули таҳлили муназзами ҳуқуқӣ ва такя ба санадҳои байналмилалӣ ва миллии ҳуқуқӣ, масъалаҳои калидии мақоми гуреза, принсипҳои ҳимоя, механизмҳои ҳуқуқӣ ва мавқеи гурезагон дар низоми ҳуқуқи конститутсиониро ҳамаҷониба таҳлил намудааст.

Аз рӯйи мазмун ва муҳтаво, рисола ба талаботи стандартҳои илмии муосир ҷавобгӯ буда, ҳадаф, вазифаҳо, методология, навигариҳо ва натиҷаҳои таҳқиқот ба таври возеҳ ифода ёфтаанд. Пешниҳодҳои мушаххаси ислоҳоти қонунгузорӣ ва истифодаи таҷрибаи байналмилалӣ далели дараҷаи баланди ба итмом расидани корҳои таҳқиқотии муаллиф мебошад.

Нақша ва сохтори диссертатсия тавре таҳия шудаанд, ки маҷмуи масъалаҳои муҳим ва зарурӣро барои ҳалли мавзуи таҳқиқшаванда дар бар мегиранд.

**Сохтори рисолаи илмӣ** бо назардошти мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 204 саҳифаро дар бар мегирад.

**Боби якуми рисола** таҳти унвони «Асосҳои назариявии мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ду қисматро дар бар мегирад: мафҳум ва хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии гурезаҳо, ҳамчунин, принсип ва унсурҳои асосии вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии онҳо.

Дар зербоби аввал мафҳум ва хусусиятҳои ҳуқуқии гурезаҳо дар Тоҷикистон таҳлил шуда, вазъи ҳуқуқии онҳо ҳамчун шахсони ниёзманди ҳимояти махсус таъриф мешавад.

Аз ҷумла, муаллиф қайд менамояд, ки аз таҳлили мавқеъҳои пешниҳодшудаи муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки мақоми ҳуқуқӣ ҳудуди рафтори имконпазир ва зарурии шахсро муайян намуда, ҳаҷми истифодаи шароитҳои мушаххаси моддӣ ё маънавиро бо нишон додани ҳуқуқ, ухдадориҳо ё манфиатҳои қонунии ҳамаи соҳаҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ ифодаёфта, дар амалишавии онҳо замина мегузорад. Ба ибораи дигар, вазъи ҳуқуқии шахс категорияи (мақула) асосӣ мебошад, ки дар асоси он ҳуқуқ ва ухдадориҳо нисбат ба гурӯҳҳои алоҳидаи осебпазири аҳолӣ муайян карда мешаванд (саҳ. 26).

Ҳамазамон, дар ин қисмат пешниҳод мешавад, ки барои такмил додани қонунгузории ҶТ нуктаҳои зерин ба инобат гирифта шаванд. Якум, дар қонунгузории соҳавӣ моҳияти ҳуқуқии конститутсионии паноҳгоҳ возеҳу равшан набуда, номукамал аст, ки то андозаи барои амали кардани ҳуқуқ ба паноҳгоҳ таъсири манфӣ мерасонад. Дуюм, дар

Конститутсияи ҶТ сухан танҳо дар хусуси шаҳрвандони хориҷӣ рафта, масъалаи шахсони бешаҳрванд, аз таваҷҷуҳи қонунгузор берун мондааст. Бо назардошти ин нуктаҳо, пешниҳод мешавад, ки бо мақсади мутобиқ сохтан ба меъёрҳои санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба сархати сеюми моддаи 16 Конститутсияи ҶТ тағйирот дар таҳрири зерин ворид карда шавад: «Тоҷикистон ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки гирифтори вайронкунии ҳуқуқи инсон гаштаанд, метавонад паноҳгоҳ диҳад» (саҳ. 34-35).

Зербоби дувум ба принсипҳо ва унсурҳое тамаркуз мекунад, ки мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳоро муайян намуда, таъсири онҳо ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои гурезаҳо ва муқаррароти қонунгузории миллӣ ва байналмилалиро нишон медиҳад. Ин боб асоси назариявии таҳқиқро барои фаҳмидани мақоми ҳуқуқии гурезаҳо дар Тоҷикистон фароҳам меорад. Дар натиҷаи таҳлили масъалаи мазкур муаллиф ба доираи принсипҳои муайянсозандаи мақоми ҳуқуқии гурезаҳо ва шахсони паноҷӯянда, принсипҳои ғайри табъиз, берун накардан, мутаҳидшавии оила, маҳрамият ва афзалияти ҳимояи манфиятҳои шахсони осебпазирро дохил намудааст (саҳ. 39).

Муаллиф дар боби мазкур маводи илмиро ба таври мантиқӣ, муназзам ва бо риояи усули таҳқиқоти ҳуқуқшиносӣ пешниҳод намудааст. Масоили бардошташуда, барои такмили заминаҳои меъёрии соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳамоҳангсозии он бо талаботи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон аҳаммияти амалӣ ва назариявӣ доранд.

**Боби дуюм** ба масъалаи танзими ҳуқуқии вазъи гурезаҳо ва расмиёти муайянсозии мақоми онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудааст.

Дар зербоби аввал таҳлили санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ дар робита ба танзими вазъи ҳуқуқии гурезаҳоро дар бар мегирад. Ин бахш нишон медиҳад, ки Тоҷикистон санадҳои байналмилалиро ҳамчун пойгоҳи ҳуқуқӣ қабул намуда, барои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои гурезаҳо қонунгузории миллиро ба танзим медарорад.

Ҳамин тавр, метавон хулоса намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тариқи пурра асосҳои ҳуқуқии ба танзим даровардани муносибатҳо вобаста ба қабул намудан, будубош ва баргаштани ашхоси гуреза эътирофшуда ба миён омадааст. Аз ҳама кори муҳим он мебошад, ки ҳамаи ин муқаррароти қонунгузорӣ дар амал иҷро шаванд.

Дар маҷмуъ, ҳангоми омузиши илмӣ ва таҳлили қонунгузорӣ дар танзими вазъи ҳуқуқии гуреза тибқи санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ ба чунин хулосаҳо омада, чанд нуктаро пешниҳод мекунем, ки дар муккамалшавии қонунгузории миллӣ дар оянда мусоидат менамоянд.

Зербоби дуюм расмиёти ҳуқуқии муайянсозии мақоми гурезаро шарҳ медиҳад, ки раванд ва тартиби расмӣ барои гирифтани мақоми

ҳуқуқии гурезаҳо дар Тоҷикистонро ифода мекунад. Ин раванд бо мақсади таъмини ҳимоя ва дастрасӣ ба ҳуқуқу имкониятҳои муайяншуда барои гурезаҳо татбиқ мешавад. Дар маҷмуъ, боби дуюм асосҳои ҳуқуқии муқаррар кардани мақоми гурезаҳо ва тартиби амалӣ кардани он дар Тоҷикистонро мушаххас месозад.

Кумитаи Иҷроияи СММ оид ба гурезаҳо талаботи асосии мурофиавиро оид ба расмиёти муайян кардани мақоми гуреза дар як қатор тавсияҳои худ (№8 ва №30) пешниҳод кардааст. Муқаррароти асосии тавсияҳо инҳоянд:

– бояд давлатҳо мувофиқи салоҳият ва қонунгузории худ расмиёти муайян кардани мақоми гурезаро ҷорӣ намоянд;

– шахси мансабдори салоҳиятдор (масалан, корманди соҳаи муҳоҷират ё назорати сарҳадӣ), ки аризадиҳанда ба он дар сарҳад ё қаламрави давлати аҳдкунанда муроҷиат мекунад, бояд дастурҳои возеҳ оид ба кор бо гурезаҳо дошта бошад;

– бояд мақомоти муайяншуда (мақоми ягонаи марказӣ) мавҷуд бошад, ки барои баррасии дархостҳо ва қабули қарорҳо дар марҳилаи аввал масъул бошанд;

– паноҳҷӯянда бояд бо шароити зарурӣ, аз ҷумла бо тарҷумон барои пешниҳоди ариза ба мақомоти дахлдор таъмин карда шавад;

– корманди дорои тахассус ва таҷрибаи кофӣ дар ин самт дошта бошанд, бо чунин ашхос мусоҳибаи беғаразонаи шахсӣ гузаронад;

– занони паноҳҷӯянда бояд бо тарҷумони ҷинси зан таъмин карда шаванд ва он ба расмиёти муайянкунии мақоми гуреза маълумоти муфассал дошта бошанд ва дода тавонанд, гарчанде, ки онҳоро аъзои марди оила ҳамроҳӣ мекунанд;

– агар аз рӯйи ариза дар бораи мақоми гуреза қарори манфӣ қабул шуда бошад, пас шахси паноҳҷӯ ҳуқуқ дорад, ки қарорри қабулнамудаи мақомоти ваколатдоро, ки дар марҳилаи аввал қабул кардааст, дар амал татбиқ намояд;

муроҷиати апелатсиони шахсони паноҳҷӯянда барои гуреза донистан бояд таъсири боздоштакунанда дошта бошад ва ба онҳо имкон диҳад, ки то баррасии шикоят дар кишвар бимонад.

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои таҳлили боби дуюм гувоҳӣ медиҳанд, ки вазъи ҳуқуқии конститутсионии гурезашо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масоили муҳимми таъмини адолати судӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон мебошад. Муаллиф тавонистааст дар асоси таҳлили назариявӣ ва таҷрибавӣ ҷанбаҳои ҳуқуқии мавзуъро мукаммал инъикос намуда, хулосаҳо ва тавсияҳои амалиро пешниҳод намояд.

**Боби сеюми рисола,** ба масъалаҳои амалӣ ва татбиқи мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионӣ, яъне мақоми гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудааст. Ин боб ду фаслро дар бар мегирад: ҳуқуқ ва уҳдадориҳои гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ин зербоб ҳуқуқҳои асосӣ ва уҳдадориҳои гурезаҳо таҳлил мешаванд. Ҳуқуқҳои

гурезаҳо, ки бо конститутсия, қонунгузории миллӣ ва санадҳои байналмилалӣ асос ёфтаанд, дар ин зербоб баррасӣ мешаванд. Ҳамзамон, уҳдадориҳои гурезаҳо, аз қабили риояи қонунҳои кишвар, иштирок дар ҳаёти ҷомеа ва ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ низ зикр мегарданд. Ин зербоб равиши ҳуқуқии мувозинат байни ҳуқуқ ва вазифаҳои гурезаҳоро нишон медиҳад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки қобилияти умумии ҳуқуқии гуреза, одатан табиати шартӣ дорад, бинобар истисноҳои муайян на ҳама вақт ба гурезаҳо ҳаҷми якхелаи ҳуқуқ ва уҳдадориҳое, ки шаҳрвандони давлати истиқомат доранд, дода мешаванд. Масалан, ҳуқуқи озодона гаштан дар сарзамини кишаври қабулкарда, интихоби манзнли истиқоматӣ, машғул шудан ба фаъолияти меҳнатӣ ва ғайраҳо. Моҳиятан дар ҳуқуқ ва уҳдадориҳо гурезаҳо ба шаҳрвандони ҶТ, ғайр аз он истисноҳое, ки аз тарафи қонунгузорни ҶТ пешбинӣ карда шудааст, баробаранд. Баробаркунии қобилияти ҳуқуқдории гурезаҳо бо шаҳрвандони ҶТ ҳама гуна маҳдудиятро истисно мекунад.

Зербоби дуюм, ки ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои гурезаҳо ва ҷавобгарӣ барои вайрон кардани онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон номгузорӣ гардидааст, ба механизмҳои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои гурезаҳо ва ҷавобгарӣ барои вайрон кардани ин ҳуқуқҳо бахшида шудааст. Дар он таҳдидҳо ва мушкилот дар амалисозии ҳуқуқҳои гурезаҳо баррасӣ мешаванд ва роҳҳои ҳалли онҳо пешниҳод мегарданд. Ҳамчунин, механизмҳои ҳуқуқӣ, идорӣ ва судӣ барои таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои гурезаҳо ва ҷавобгарии шахсоне, ки ҳуқуқи онҳоро нақз мекунанд, таҳлил мешаванд. Ин бахш таъкид мекунад, ки ҳифзи ҳуқуқҳои гурезаҳо на танҳо вазифаи давлат, балки масъулияти ҷомеа ва ҳар як шахс мебошад.

Муаллиф бо дарназардошти мафҳуми умумӣ дар ин бахш ба механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи гурезаҳо таваҷҷуҳ намуда, бо истифода аз адабиёти ҳуқуқӣ ва андешаи коршиносон онро ба ду қисм ҷудо намудааст:

1) Механизмҳои миллии ҳимояи ҳуқуқи гурезаҳо;
2) Механизмҳои байналхалқии ҳимояи ҳуқуқи гурезаҳо.

Механизмҳои байналхалқиро бошад, ба ақидаи муаллиф мумкин аст, ки ба механизмҳои универсалӣ ва механизмҳои минтақавӣ ҷудо намуд.

Бо дарназардошти таҳлил ва омӯзиши санадҳои меъёрии ҳуқукие, ки дар доираи ИДМ дар бахши ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд, аз ҷумла дар ҳалли мушкилоти гурезаҳо қабулшудаанд, барои беҳтар намудани вазъи ҳуқуқии онҳо муаллиф пешниҳоди хеле ҷолиб менамояд, ки дар доираи Иттиҳоди давлатҳои мустақил таъсиси Шурои Осиёи Марказӣ оид ба гурезаҳо ба мақсад мувофиқ дониста мешавад. Ба мисли Шурои Аврупо оид ба ҳалли мушкилоти гурезаҳо, ки як созмони ғайриҳукуматӣ

дониста мешавад ва дигар созмонҳои ғайриҳукуматиро дар ин самт муттаҳид мекунад (саҳ.154).

Дар маҷмуъ, муаллиф дар баробари таҳлили масъала, як қатор пешниҳодҳои мушаххас ва воқеӣ барои беҳтарсозии вазъи ҳуқуқии гурезаҳо дар Тоҷикистон манзур мекунад. Аз ҷумла:

- пешниҳод оид ба илова ба моддаи 16 Конститутсия ҷиҳати дарҷ кардани ҳаққи паноҳгоҳ ба шахсони бешаҳрванд;
- таклифҳо барои механизми равшан ва марҳилавии эътирофи мақоми гуреза;
- таъкиди зарурати масъулияти ҳуқуқӣ ва назорати конститутсионӣ нисбат ба бархурди мақомоти давлатӣ бо гурезагон;
- зарурати тафриқа кардани мафҳумҳои муҳоҷир ва гуреза, ки барои танзими дақиқ ва фаҳмиши ҳуқуқии ин гурӯҳҳо муҳим аст.

Ин пешниҳодҳо бо дарназардошти таҷрибаи байналмилалӣ, ҳолати воқеии Тоҷикистон ва пешгӯйии оқибатҳои ҳуқуқӣ, як заминаи устувор бароиислоҳи қонунгузорӣ ва амалисозии ҳуқуқи инсон муҳайё месозанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Саиданварзода Қурбоналӣ Ҷонибек дар мавзуи «Вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаб – Саиданварзода Қурбоналӣ Ҷонибек ба ихтисоси илмии дархостшаванда – 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мувофиқат мекунад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки муаллиф бо истифода аз усулҳои таҳлили назариявӣ ва ҳуқуқӣ тавонистааст нуқсонҳо ва камбудиҳои мавҷуда дар самти вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян намуда, таклифу тавсияҳои илман асоснок ва амалиро ҷиҳати мукаммалгардонии онҳо пешниҳод намояд.

Ин таклифҳо метавонанд дар раванди ислоҳоти қонунгузорӣ ва такмили амалияи татбиқи ҳуқуқ дар соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ ва таъмини ҳимояи он мавриди истифода қарор гиранд.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияти ҷузъӣ

доранд холӣ нест ва камубдиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии диссертасияро коста намегардонанд. Ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқоти ояндаи диссертант арзёбӣ мегарданд:

1. Дар моддаи 10 Қонунуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» аз 10 майи соли 2002 мафҳуми аъзои оилаи гурезаҳо пешбинӣ нашудааст, аммо аз кадом сабаб бошад, муаллиф дар нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда оид ба ин масъала мавқеи худро муайян нанамудааст. Мехостем нуктаи назари муаллифро роҷеъ ба ин масъала ҳангоми ҳимояи ошкоро дониста бошем.

2. Дар банди 7 хулоса омадааст, ки аз таҳлилу баррасии муқаррароти Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» аз 10 майи соли 2002 бармеояд, ки санади мазкур мураккаботи зиёде дорад, аммо муфассал шарҳ дода намешавад, ки кадом моддаҳо мураккабанд ва чаро? Хуб мешуд агар муаллиф мавқеи худро оид ба ин масъала ҳангоми ҳимояи ошкоро асоснок менамуд.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраршуда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади цлмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назаррасӣ илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулосаи диссертатсияи Саиданварзода Қурбоналӣ Ҷонибек дар мавзуи «Вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ сазовор мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Диссертатсия ва автореферат дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Суратҷаласаи семинари васеи илмӣ- назариявӣ аз 7 ноябри соли 2025, № 4.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда аз ҷониби Каримзода Умар Карим – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, сардори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии

Тоҷикистон омода карда шуда, он дар ҷаласаи кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст. Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 12 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 12 нафар, «зид» - 0 нафар, «бетараф» - 0 нафар.

Протоколи № 4/1 аз 20 ноябри соли 2025.

Раискунандаи ҷаласа,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
Сардори факултети №2, дотсенти кафедраи
фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии
факултети № 2 Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон Мансурзода А.М.

Ташхисгар;
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
сардори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии
факултети № 2 Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон Каримзода У.К.

Котиби ҷаласа,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии
факултети № 2 Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон Қодирзода Ғ.Н.

Имзоҳои «Мансурзода А.М., Каримзода У.К. ва Қодирзода Ғ.Н.»-ро тасдиқ менамоям:
сардори шуъбаи кадрҳои
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
подполковники милитсия Саидзода А.Р.
«20» ноября соли 2025

Суроға: 734024, ш. Душанбе, кӯчаи Мастонгулов 3; тел.: (+992 37) 226-60-42; Факс: (+992 37) 226-60-43; сомона: www.avkd.tj; E-mail: avkdtj@mail.ru.